<u>Тақризи</u>

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» Душанбе 2022, 280 с.**

Дар охири асри XX дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар мамлакат ба ҷомеаи бисёрҳизбӣ асос гузошта шуда, дар шароити муборизаҳои шадиди ҳарбӣ-сиёсӣ ҲХДТ ба майдони сиёсат ворид гардид. Ҳизби мазкур сол аз сол мавқеъи худро дар ҷомеа мустаҳкам намуда, дар муддати кӯтоҳи таърихӣ ба яке аз бонуфузтарин созмонҳои сиёсӣ табдил ёфт.

Дар рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ 1994-2019» бо такя ба маводҳои бойгониҳои ҷорӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ заминаҳои таърихии таъсисёбӣ, рушд ва нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти сиёсии мамлакат дар охири асри XX аввали асри XXI таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Воқеан, ҲХДТ дар тӯли чоряк аср дар сафи пеши муборизаҳои сиёсӣ ва идеологии Тоҷикистон қарор дошта, воқеаҳои мудҳиши таърихиро аз сар гузаронидааст. Махсусан фаъолияти ҳизб дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), давраи ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1994- 27 июни соли 1997) ва баъдан ширкат дар Комиссияи Оштии Миллӣ (1997 - 2001) хеле назаррас буда, масъалаҳои мазкур аз ҷониби муаллиф воқеъбинона инъикос шудааст.

Рисолаи Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии

ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» аз муқаддима, тавсифи умумии кор, 4 боб ва 12 зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашма ва адабиёт иборат буда, мундариҷаи он ба мазмун, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқ таҳия шудааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методологияи мавзуъ шакл гирифта, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, инчунин манбаъҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия - "Заминахои таърихӣ ва сиёсии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон"** асосан воқеаҳои сиёсии охири асри XX, пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, аз байн рафтани **ҲКИШ** ва ба вуҷуд омадани ҷомеаи бисёрҳизбӣ ва ташкилёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар **зербоби аввал**, такя ба китоби Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М. "Таърихи халқи тоҷик" муаллифи рисола менависад, ки "солҳои 70-ум ва нимаи аввали солҳои 80-ум дар ИҶШС пешравиҳои назаррас ба амал омада бошанд ҳам, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ камбудиҳои ҷиддӣ мушоҳида мешуданд". Ба назари мо айнан дар ин давра махсусан дар ҳаёти иҷтимой-иқтисодии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон дастовардҳои ниҳоят калон ба назар мерасанд. Бояд қайд намуд, ки дар охири солҳои 80-уми асри XX бо сар задани буҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ вазъият мураккаб гардида, пояҳои давлатдорӣ фалаҷ ва заволи Иттиҳоди Шуравӣ ба назар мерасид.

**Дар боби дуюми диссертатсия- «Марҳилаҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон»** заминаҳои иҷтимой-сиёсии таъсисёбии ҲХДТ, тамоюлҳои асосии ташаккулёбии ҳизб дар солҳои 1994-1998 ва нақши Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор гардидани сулҳи тоҷикон сухан меравад. Дар рисола саҳми асосгузор ва роҳбари ҳизб Эмомалӣ Раҳмон,

ҳамчунин саҳми ҳамсафони ӯ М.У.Убайдуллоев, А.С. Достиев, А.Р.Ҷалилов, А.Н.Ниёзмамадов, М.Толибов, Д.Р. Давлатов, М.Асозода, А.М.Миралиев, К.Р.Қосимов ва дигарон дар ташаккул ва густариши фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муффасал инъикос ёфтааст.

Боби сеюми **рисола** ба "**Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёси-фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2010**" бахшида шудааст. Дар он муаллифи рисола қайд намудааст, ки яке аз вазифаҳои муҳими Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2010 аз он иборат буд, ки ҳамаи манотиқи ҷумҳурӣ - шимолу ҷануб, водию кӯҳистон, ноҳияҳои саноатию зироатиро дар як ҳалқаи пайванд гирд оварда, ваҳдати миллиро таъмин намуд. Дар баробари ин ӯ менависад, ки "кишваре, ки мусибати ҷанги шахрвандиро аз сар гузаронидааст, дар қатори дигар бадбахтиҳо, дучори ҷинояткорӣ низ мегардад. Яке аз масъалаҳое, ки дар назди ҲХДТ меистод, ин гирифтани пеши роҳи ҷинояткорӣ ва мубориза бо он маҳсуб меёфт". Аммо барои исботи ин фикр дар рисола мисолҳои дақиқ камтар ба назар мерасанд. Дар масъалаи инъикоси самтҳои асосии фаъолияти ҲХДТ ва нақши он дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон солхои 2006-2010 муаллифи рисола фаъолияти хизби мазкурро дар солҳои 1999- 2006 хеле хуб инъикос намудааст. Дар ин боб қайд карда мешавад, ки дар соли 1999 яке аз масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва аввалиндараҷа дар назди ҳизб интихоботи президентӣ ба шумор мерафт. Дар ин давра Ҳизби Халқии Тоҷикистон нақши муҳим мебошанд. Аммо дар ин боб, агар дар муқоиса фаъолияти дигар фраксияҳои ҳизбҳои сиёсӣ низ инъикос карда мешуд, боз таҳлили мавзуъ сифатан беҳтар мегардид.

Дар хулосаи диссертатсия Ш. Қурбонова иброз доштаст, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар як давраи тақдирсоз таъсис ёфта, дар тӯли таърихи соҳибистиқлолии кишвар бо фаъолияти худ собит намудааст, ки ҳизби пешбарандаву созанда, бунёдкор ва воқеан ҳам мардумӣ мебошад. Имрӯз, мардум ба ин ҳизб ва Роҳбари он- Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эътиқоду эҳтироми зиёд доранд.

Ҳамин тариқ, маводи дар рисола истифодашуда барои таҳлил ва баҳодиҳии воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мамлакат, махсусан фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ замина фароҳам меоварад. Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ дошта, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама ҲХДТ кумаки воқеӣ расонанд. Тавсияҳои муаллифи рисола барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби таърихи Тоҷикистони муосир хеле муфиданд.

Хулосаҳои назариявии муаллиф, муқаррарот, натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалии он барои омӯзиши таърихи давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ мебошад. Навгониҳои илмии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст фаъолияти ҲХДТ дар шакли рисолаи мукаммали илмӣ баррасӣ ва инъикос гардидааст.

Бояд зикр кард, ки дар баробари муваффақиятҳои назаррас дар рисола як қатор камбудиҳо низ ҷой доранд, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

1. Дар боби якум хусусиятҳои хоси таъсиси ҳизб дар даврони нави соҳибистиқлолӣ бояд дар муқоиса бо дигар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ зикр мегардид.
2. Дар боби сеюм нақши ҲХДТ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумхурӣ дар охири солҳои 90-уми асри XX ва ибтидои қарни XXI амиқ баррасӣ нагардидааст.

Аммо нуқсонҳои болозикр арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд. Аз таҳлили рисолаи илмии Қурбоноба Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби Халкии Демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ -иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумхурӣ дар солҳои 1994- 2019» чунин хулоса бармеояд, ки рисолаи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта, мукаммал ва мустақилона буда, ба талаботи муқаррар намудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ ва ҷавобгӯ

буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 - **Таърихи ватанӣ** сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои**
**таърих, профессори кафедраи**
**таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Собирова Қурбонбегим**
7. 12. 2022.
**Давлатқадамовна**

Имзои д.и.т., профессор Собировар Қ. Д. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ